**ТАҚРИЗИ**

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии тоҷикӣ бахшида шудааст ва давраҳои мухталифро (асрҳои XVIII ва XX) аз ҷиҳати вежагиҳои морфологӣ дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Осоре, ки муаллиф мавриди қиёси хеш қарор додааст, аз зумраи беҳтарин мероси хаттии ниёгон маҳсуб мешавад. Инчунин, диссертант зикр мекунад, ки таърихномаҳо аз лиҳози дарбаргирии доираи воқеаву ҳодиса ва қаламрави вуқуи онҳо якгуна нестанд: баъзеашон ҷомеъ буда, таърихнависон таърихи ҷаҳонро мувофиқи тасаввури хеш баён мекарданд; қисми дигари таърихномаҳо хусусӣ буда, онҳо фарогири таърихи хонадонҳои алоҳида ё шаҳру вилоятанд. Осори таърихии қиёсшаванда аз ҷумлаи ҳамин қисми дуюм маҳсуб мешаванд.

Дуруст аст, ки забони осори давраҳои қиёсшаванда дорои ғаномандии хосе буда, дар таҳлили муқоисавӣ-таърихии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони адабии тоҷикии а.XVIII ва XX кумак карда, маводи фаровоне медиҳад. Дар ин асос қисмати меҳварии пажуҳиш фарогири мавзуи васеъ буда, аз ҷумла вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи осори мавриди омӯзиш ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Муаллифи рисола аз осору мақолаҳои ҷудогонаи забоншиносони ватанию хориҷӣ, ки муаллифи онҳо В.Виноградов, В.Расторгуева, Вилям Ҷонс, Л.Пейсиков, П.Хонларӣ, М.Баҳор, Б.Камолиддинов, Ш.Рустамов, М.Қосимова, О.Қосимов, А.Ҳасанов дигарон ба ҳисоб мераванд, роҷеъ ба вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои мустақили нутқ андеша ва пиндоштҳои судманд изҳор

кардаанд, ба таври комил баҳра бурда, онҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Мақсади асосии диссертатсия инъикос намудани манзараи воқеии забони адабии а.XVIII ва а.XX ва муайян кардани таҳаввулоти меъёрҳои забонӣ аз нигоҳи забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ маҳсуб мешавад. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар, мавзуи рисолаи илмие, ки аз ҷониби унвонҷӯ Ашрапов Баҳодурҷон ҷиҳати таҳқиқ интихоб шудааст, муҳим ва актуалӣ буда, дар илми забоншиносии муосир мубрамияти хосаро дорад.

Барои ба даст овардани вазифаю ҳадафҳои аслӣ диссертант чунин корҳоро ба анҷом расонидааст:

-баррасӣ ва таҳқиқи ифодаи категорияи муайянӣ ва номуайянии исм дар забони осори даврҳои муқоисашаванда;

-нишон додани умумияту фарқи категорияи шумораи исм ва таносуби истифодаи воситаҳои ҷамъбандии тоҷикӣ (-ҳо ва -он «-вон, -гон ва -ён») дар осори Карминагӣ ва Айнӣ;

-муайян кардани вежагиҳои морфологӣ ва ваҷҳи корбурди унсурҳои вожанигорӣ, ба мисли исмҳои сохта дар асарҳои қиёсшаванда;

-таҳлили қиёсии категорияи дараҷаҳои сифат ва баъзе вежагиҳои фарққунандаи онҳо дар асарҳои мавриди омӯзиш;

-муайян кардани вежагиҳои сохтори сифатҳо дар забони осори таърихии қиёсшавандаи а.XVIII ва XX;

-баррасии вежагиҳои морфологии вандгунаҳои сифатсоз ва ваҷҳи корбурди онҳо дар забони осори мавриди омӯзиш;

-қиёсу баррасии вежагиҳои морфологии шумора ва баъзе навъҳои ҷонишинҳо дар асарҳои муқоисашаванда.

Навгонии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки муҳаққиқ вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқро аз нигоҳи сохту услуб, дараҷаи корбурд, вазифа ва мавқеъ дар калимасозӣ бори нахуст дар заминаи осори таърихии қарнҳои XVIII ва XX, аз ҷумла «Туҳфат-ул-хонӣ»-и Карминагӣ ва «Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ» ва «Таърихи инқилоби фикрӣ

дар Бухоро»-и устод Айнӣ бо оморгирии дақиқ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Маҳз бо дарназардошти ин махсусият унвонҷӯ Ашрапов Б.П. дар заминаи осори даврони таҳқиқ тадқиқоти хешро таҳти унвони "Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX" (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ) раҳандозӣ намуд ва имрӯз тадқиқоти шоистаеро манзури муҳокима қарор дод.

Сохтори рисолаи унвонҷӯ муназзам ва қобили қабул аст. Он аз муқаддима, се боб, фаслҳову зерфаслҳо, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқиву сарчашмаҳо, ки дар маҷмуъ рисола 171 саҳифаро фаро мегирад, иборат аст. Инчунин замима ба диссертатсия низ оварда шудааст, ки далели боризи аз усули оморӣ моҳирона истифода бурдани ӯ ҳам мебошад.

Дар оғози рисола рӯйихати ихтисораҳо (1 саҳ.) пешниҳод шудааст. Муқаддима бошад, 10 саҳифаро дар бар гирифта, мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳо, сарчашмаҳо, асосҳои назариву методологии таҳқиқот, навгониҳо, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва саҳми муҳаққиқ муаррифӣ карда шудаанд ва метавон гуфт, ки ба таври пурра ҷавобгӯ ба талаботанд.

Боби аввали рисола таҳти унвони «Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии исм дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX» номгузорӣ шуда, фарогири 44 саҳифа аст. Дар ин боб унвонҷӯ муҳимтарин масъалаҳои омӯзиши категорияҳои грамматикии исм ва хусусиятҳои морфологии исмҳои сохтаро бо таҳлилҳои ҷиддӣ пешниҳод намудааст ва хулосаҳояш собит ҳастанд.

Муаллиф кӯшиш кардааст, ки дараҷаҳои корбурди ҷамъбандии исмҳо ва категорияҳои муайяниву номуайяниро дар забони осори даврахои муқоисашаванда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад ва аз рӯйи усули оморӣ таҳқиқот намояд.

Қобили қайд аст, ки ҳангоми андешаронӣ ва таҳлил муҳаққиқ ба сарчашмаҳои эътимодноки илмӣ мурочиат кардааст ва аз онҳо иқтибосҳо овардааст, ки ин ҳолат аз иқтидори илмии муаллиф гувоҳӣ медиҳад.

Боби дуюми рисола «Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии сифат дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX» (42 саҳ.) унвон дошта, муаллиф дар доираи се фаслу ҳафт зерфасл пешванду пасвандҳои сифатсоз, категорияи дараҷа дар сифат, вандгунаҳои сифатсоз ва хусусиятҳои морфологии ваҷҳи корбурди бархе аз онҳоро шарҳу баррасӣ намудааст.

Муаллифи диссертатсия дар натиҷаи мушоҳидаву таҳқиқ ва омӯзиши осори илмӣ-таърихии давраҳои гуногун исбот менамояд, ки таърихан дараҷаи истифодаи пасванди **-тарин** нисбат ба пасванди **-тар** маҳдудтар мебошад ва пасванди **-тарин** дар асари таърихии Карминагӣ танҳо дар ду мавридд (**камтарин** бандагон ва **мақҳуртарини** мардумон) истифода шуда, аммо осори қиёсии устод Айнӣ он дар сохтани дараҷаи олии сифат хеле фаровон корбаст мешавад (саҳ.65).

«Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии шумора ва ҷонишин дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX» (41 саҳ.) унвони боби сеюм буда, он дорои ду фаслу ҳашт зерфасл иборат мебошад. Дар боби сеюм ба таври мушаххас калимаҳои ифодакунандаи шумора, нумеративҳо дар осори мавриди қиёс объекти омӯзиш қарор дода шудаст. Инчунин дар ин боб хелҳои ҷонишин (шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ ва таъинӣ) қиёс ва таҳлил гардидааст.

Аз таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии шумора ва ҷонишини забони осори муқоисашаванда маълум мешавад, ки ҳиссаҳои номии нутқи номбурда дар ифодаи маъно ва иҷрои вазифа бо баъзе вежагӣ аз забони адабии ҳозираи тоҷикӣ тафовут доранд. Муалифи рисола ҳангоми таҳлил иброз медорад, ки “дар асари Карминагӣ боре ҳам шумораи тартибии **якум** мавриди истифода қарор нагирифтааст. Ба ҷои он вожаҳои **аввал, аввалин** ва **нахуст, нахустин** ба кор рафтааст, вале дар осори таърихии устод Айнӣ бошад, ҳам **аввал** ва ҳам **якум** хеле зиёд ба чашм мерасад. Муҳаққиқ қайд мекунад, ки ҳини муқоиса ва баррасии мисолҳои марбута маълум гардид, ки ҷонишини шахсии **ман** танҳо як маротиба аз ҷониби Карминагӣ истифода шудааст. Аммо устод Айнӣ дар асари худ ҷонишини шахсии номбурдаро 146 маротиба корбаст намудааст. Шояд сабаби ба нудрат истифодашавии ин воҳид дар сабк ва мавзуи асари «Туҳфат-

ул-хонӣ» бошад" (саҳ.146). Муаллиф ҳини таҳлил кӯшиш намудааст, дониши чуқури илмии худро нишон диҳад.

Унвонҷӯ дар хулосаи тадқиқоти хеш (4 саҳ.) муҳимтарин натиҷа ва дастовардҳоро дар 18 банд ва тавсияҳои худро дар 3 банд пешниҳод кардааст. Номгӯи адабиёти рисола 200 ададро дар бар мегирад ва онҳо ба гурӯҳҳо тибқи Низомнома дастабандӣ шудаанд.

Забони рисола ва услуби таҳлили муаллиф шоистаи таҳсин аст.

Бамаврид аст, қайд намоем, ки унвонҷӯ дар замимаи рисола (шомили 116 саҳ.) усули омориро истифода бурда, аз ҷадвал, диаграммаву схемаҳо мукаммал истифода бурдааст, ки ин яке аз муҳассаноти қобили зикри тадқиқоти унвонҷӯ маҳсуб меёбад.

Дар маҷмуъ, рисола бо сабки хуби илмӣ таълиф шуда, андешаронӣ, сабки баён, таҳлилҳо ва натиҷагириҳои муаллиф мушаххасу дақиқанд. Б.Ашрапов аз сарчашма ва адабиёти назариявӣ хуб истифода намуда, барои тақвияти андешаҳояш дар мавридҳои зарурӣ иқтибос овардааст. Дар саросари рисола барои расидан ба ҳадафи асосии таҳқиқ Б.Ашрапов ба ҷанбаи омории осори мавриди таҳқиқ диққат дода, ба мақсадҳои муқаррарнамудаи худ муваффақ гардидааст. Бояд тазаккур намуд, ки дар ҳар як фаслу зерфаслҳо муаллиф кӯшиш кардааст, ки хулосаи худро аз рӯйи методи гуногуни тадқиқотӣ ва хусусан оморӣ ҷамъбаст намояд. Муҳаққиқ ба воситаи диаграммаву схемаҳои гуногун фикри худро ҷамъбаст намудааст, ки ин шоҳиди хуби заҳмати зиёди муаллиф ва далели қотеи то кадом андоза илмӣ ва дақиқ будани хулосаҳову андешаҳояш мебошад.

Забони рисола илмӣ, фасеҳ ва дастрас буда, худи рисола ҷавобгӯ ба талабот мебошад.

Гузориши масъала, баҳс дар атрофи асоснок намудани фикр ақида ва хулосабарории муаллиф мантиқӣ ва фаҳмо буда, ҳар як банди хулоса бо мисол ё такя ба дастовардҳои назария ва амалияи забоншиносии муосири ватаниву хориҷӣ асоснок шудааст, ки аз боризтарин муҳассаноти кор маҳсуб мешавад.

Дар рисола дар баробари муҳассаноти он баъзе камбудиҳои ислоҳшаванда ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Муаллиф барои тасдиқи фикру хулосабарории худ аз усулҳои гуногуни илмӣ истифода бурда, аммо дар қисмати муқаддима роҷеъ ба банди усули таҳқиқ ишорае накардааст.

2. Ҳамчунин муаллиф дар муқаддима оид ба банди "Сарчашмаи маълумот" чизе нагуфтааст.

3. Муаллиф дар саҳифаи 100-уми рисола овардааст: «Як силсила пасвандгунаҳои сермаҳсулу каммаҳсул дар ташаккули вожаҳои мураккаб ҳиссагузорӣ намудаанд. Ҳар яки он дар ташаккули калимаҳои мураккаб мавқеъ ва нақши калидии худро дорад. Дар забони осори мавриди қиёс пасвандгунаҳои **-ангез, -андоз, -боз, -гир, -деҳ, -дор(ӣ), -кор, -овар** ва **-омез** аз унсурҳои вожасози сермаҳсул ба шумор рафта, онҳо, дар навбати худ, аз рӯйи адои вазифа пасвандгунаҳои муштарак мебошанд». Агар муаллиф пасвандгунаҳои болоро ба риштаи таҳлили васеътару амиқтар мекашид, хубтар мешуд.

4. Муаллиф дар аксари ҳолат дар бораи сермаҳсулии ин ё он унсури шаклсоз ё калимасоз, фаровонии онҳо сухан карда ҳамчун далел танҳо як-ду мисол меорад, масалан дар саҳифаи 55-уми рисола овардааст: "Дар ташаккули исмҳои сохтаи маънии осори муқоисашаванда пасванди **-ӣ** ҳиссагузорӣ карда, он, асосан, ба калимаҳои аслии тоҷикӣ ҳамроҳ гардида, исмҳои нав сохтааст, аммо мавридҳои ба вожаҳои арабиасл ва туркиасл илова ва сохта шудани воҳидҳои нави луғавӣ низ кам нест. Унсури вожасози номбурда дар забони осори даврахои қиёсшаванда низ яке аз пасвандҳои исмсози маънии сермаҳсул ва фаъол буда, аз дигар ҳиссаҳои номии нутқ, аз ҷумла исм, сифат, масдар, феъл ва зарф вожагони наве месозад".

5. Муаллиф дар рисола иқтибосоти зиёдеро ҷой додааст, вале на дар ҳама ҳолат назари танқидии худро баён менамояд (саҳ.28; 32).

6. Дар саҳифаи 14-уми фишурдаи муаллиф чунин оварда шудааст: "Дар забони осори даврахои муқоисашаванда пасванди исмсози **-чӣ** чун воҳиди сермаҳсул ба чашм мерасад. Хусусияти боризи **-чӣ**-и забони асари таърихии а.XVIII дар он зоҳир мешавад, ки дар ағлаби ҳолат аз вожаҳои туркӣ барои сохтани исмҳои шахс иштирок мекунад, аммо дар осори а.XX ин вежагӣ кам ба

назар мерасад". Агар муаллиф бо овардани мисолҳо ин нуқтаи назарро тасдиқ мекард, хуб мешуд.

Дар маҷмуъ, камбудиву норасоиҳо ва иштибоҳҳои номбурда моҳияти илмӣ ва дастовардҳои боарзиши муҳаққиқи ҷавонро коста намесозанд ва ин нуқсонҳо ислоҳшаванда буда, барои беҳтар ва сифатан хубтар гардидани ҷанбаҳои илмии рисола боис хоҳанд шуд.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну муҳтавои корро комилан инъикос карда, мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Хулоса, диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи "Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Номзади илми филология,**
**дотсент, мудири кафедраи**
**забонҳои хориҷии ДДҲБСТ:** **Эгамназаров Ҳ.Ҳ.**
**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735690, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**вилояти Суғд, н.Б.Ғафуров, маҳаллаи 120,**
**хонаи 21, хуҷраи 35 Тел:+(992) 92-875-57-54**
**E-mail: hamzajon_19@mail.ru**

**"Имзои Ҳ.Ҳ. Эгамназаровро тасдиқ мекунам"**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес**
**ва сиёсати Тоҷикистон** **Мирпоччоев И.Х.**
**"11" ноябри 2022**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, 17 мкр., хонаи №1, тел: 83422 2-38-11**
**www.tsulbp.tj**
**E-mail: tsulbp@rambler.ru**